# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-OI8 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст

1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шуда, новобаста аз анҷом ёфтани кодификатсия, раванди такмили қонунгузории маданӣ ҳануз ҳам, дар доираи консепсияи рушди қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дорад. Қабули кодекси нав шумораи зиёди навгониҳо, аз ҷумла, вобаста ба «розигӣ»-ро ҳамчун падидаи ҳуқуқи маданӣ дарбар мегирад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми қаблии худ ба Маҷлиси Олӣ барои соли 2023 таъкид намуда буданд, ки: «Рушди устувор ва босуръати мамлакат, махсусан амалӣ намудани стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуддати кишвар тақозо менамояд, ки заминаҳои ҳуқуқии онҳо саривақт ва босифат таъмин карда шавад».

Мутобиқ ба суханони Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон норасоиҳои меъёрӣ дар соҳаи падидаи «розигӣ» мебоист зери таҳлили доктриналӣ ва дар шакли меъёри алоҳидаи қонун ифода ёбад. Таҳлили «розигӣ» ҳамчун амали мустақили ҳуқуқи маданӣ, барои он мубрам мебошад, ки на ҳама мушкилот вобаста ба он аз ҷониби қонунгузор ҳал карда шуда, аксарияти онҳо ба муносибати эътибор пайдо кардани муқаррароти КМ ҶТ аҳаммияти махсус пайдо намуданд. Инчунин дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 омадааст, ки: «Дар муомилоти маданӣ гирифтани розигии шахси дигар (махсусан падару модар ё дигар шахсон) зиёд ба назар мерасад. Аз ҳамин лиҳоз, бояд дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои мушаххас доир ба шакл ва тартиби гирифтани чунин розигӣ ва оқибати ҳуқуқии он мушаххас гардад».

Розигӣ яке аз шартҳои асосии анҷом додани аҳдҳо ва амалҳои ҳуқуқии маданӣ буда, иродаи ҳар як тарафи чунин муносибатҳоро ифода менамояд. Аксарияти аҳдҳое, ки бе розигӣ баста шудаанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Аз ин рӯ, мафҳуми категорияи «розигӣ» дар истилоҳҳои низоми қонунгузорӣ ва соҳаҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ васеъ истифода гардидааст.

Гирифтани розигии тарафҳо дар муносибатҳои байниякдигарӣ, шахсони сеюм, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми бастани аҳдҳо дар муомилоти маданӣ аҳаммияти муҳим доранд. Қонунгузор ҳолатҳои зиёдеро дар қонунҳои алоҳида пешбинӣ намудааст, ки барои анҷом додани аҳдҳо ё дигар амалҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта, «розигӣ» зарур аст.

Ифодаи истилоҳ ё мафҳуми «розигӣ» дар муносибатҳои маданию ҳуқуқӣ ва қонунгузории маданӣ дар истифодаи он дар якчанд падидаҳои ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Аммо новобаста аз мавҷуд будани шаклҳои гуногуни баёни навъҳои розигӣ, он дар ҳамаи ҳолатҳо амали мустақили ҳуқуқии яктарафа шуморида мешавад.

Дар баробари ин, истилоҳи «розигӣ» дар КМ ҶТ хеле зиёд ба назар мерасад. Ҳамзамон худи мафҳуми «розигӣ» дар ягон моддаи КМ ҶТ ҷой надорад. Мавҷуд набудани мафҳуми «розигӣ» дар қонунгузорӣ дар байни олимон баҳсу мунозираҳои зиёдеро ба миён оварда, таҳқиқи нопурраи табиати ҳуқуқӣ, моҳият ва аломатҳои хоси он аз доираи таҳлили илмӣ бархурдор нагардидаанд, зеро таваҷҷуҳи аксари олимони соҳа бештар диққати худро ба масъалаҳои амалии истифодаи «розигӣ» ва тартиби баёни он нигаронидаанд. Дар баробари ин, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, вобаста ба баъзе омилҳои баёни «розигӣ» мушкилоти зиёде мавҷуд мебошанд, ба монандӣ: вобаста ба андозаи иттилооте, ки дар ифодаи розигӣ нишон дода мешавад; вобаста ба зарурияти нишон додани аломатҳои умумии мавзуи аҳд дар розигии пешакӣ; вобаста ба талабот оид ба фардикунонии аҳде, ки ба он розигӣ дода мешавад; вобаста ба розигии минбаъда барои «барқарор» кардани аҳд ва ғайра.

Мушкилоти марбут ба «розигӣ» таҳлили ҳамаҷониба ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли самарабахши таъмини адолат ва қонуниятро дар муносибатҳои маданӣ тақозо мекунад. Ҳолатҳои қайдгардида мубрамияти илмии таҳлили мафҳуми розигиро муайян мекунанд, ки амали мустақили дорои хусусияти ҳуқуқии маданиро ифода мекунад. Муҳимияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз зарурати таҳлили ҳамаҷониба ва мунтазами амалҳо оид ба додани розигӣ, гирифтани розигӣ, инчунин санадҳое, ки розигиро талаб мекунанд, вобаста аст.

Инчунин, дар илми ҳуқуқи мадании ватанӣ то имрӯз вобаста ба таҳқиқоти «розигӣ», аломатҳое, ки ба намудҳои муайяни розигӣ хос мебошанд, шаклҳо, намудҳо, таснифот, тавсифи ҳама гуна изҳори иҷозатдиҳии ирода ва гурӯҳбандии он, оқибатҳои ҳуқуқии амалҳои бе розигии зарурӣ анҷом додашуда, мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мутобиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Шерзода М.А., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Шерзода М.А., маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; хуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- **Мирзозода Парвон Зайналобудин,** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Сидиқов Дилшод** Аҳрорович, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, аъзои Шурои диссертатсионӣ Муртазозода Ҷ.С.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, аъзои Шурои диссертатсионӣ; Сангинзод Д.Ш.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, аъзои Шурои диссертатсионӣ Аминова Ф.М.

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

«30» 12 2025 с.